Ба Шурои диссертатсионии 6О.КОА-001
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати дессертатсияи Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи «Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)” аз руйи ихтисоси 23.00.04 - Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ**

Олами муосир бо ҳама пешрафту инкишоф ва тағйироти бемислаш аз падидаҳои манфиву таҳдидҳои харобиовар холӣ нест. Манфиатҷӯйии давлатҳои абарқудрат, зиддияти байни акторҳои сиёсӣ ва муносибати ноодилонаи инсон ба табиат, боиси он гардидааст, ки дар олам хатару ҳодисаҳои мураккаб пайдо шаванд. Олами муосир тарзе намудор мегардад, ки ҳар як фардро водор месозад, то дар бораи моҳияти воқеияти муосир андеша намояд. Бо вуҷуди он, ки олами имрӯза дар як зинаи баланди тараққиёт қарор дорад, хатару таҳдидҳои зиёде низ ҳастанд, ки ҳар лаҳза метавонанд ин ҳама рушду инкишофро ба садсолаҳо қафо партоянд. Равандҳои сиёсии замони муосир дар аксар мавридҳо дар доираи ҳудуду марзи муайян маҳдуд нашуда, хусусияти ҷаҳонӣ касб мекунанд. Масъалаи омӯзиши онҳо ба мисли таҳдидҳо муҳим мебошад.

Бояд гуфт, ки вазъи геополитикии замони муосир хусусияти мураккаб дошта, муносибатҳои дар доираи акторҳои гуногуни ҷаҳонӣ амалишаванда норавшан боқӣ мемонанд. Тағйири мавқеъ, дигар намудани муносибати байниҳамдигарӣ, таъсиррасониҳои манфиатхоҳона ба сиёсати кишварҳо, истифодаи зӯрӣ, воридшавӣ ба низоъҳои мусаллаҳона ва ташкили нуқтаҳои нави даргир дар ҷаҳон воқеияти сиёсии ҷаҳони муосир мебошад.

Дар чунин вазъияти мураккаб ва пуртазод ҳифзи манфиатҳои миллӣ барои кишварҳои на танҳо рушдёбанда, балки пешрафта низ мушкил гаштааст. Дар робита ба ин таҳияи механизми самараноки ҳифзи

манфиатҳои миллӣ масъалаи мураккаб боқӣ мемонад. Вазъияти Афғонистон, идомаи амалиёти махсус дар Украина ва ҷалби кишварҳои Аврупо ба он тавассути пешниҳоди яроқу аслиҳа ва машваратчиёни ҳарбӣ вазъи сиёсии ҷаҳонро мураккабу номуайян намудааст.

Қайд намудан зарур аст, ки равандҳо ва муборизаҳои сиёсӣ, бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ миёни давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ таърихи тулонӣ дошта, то ба имрӯз идома дорад. Заминаи тамоми мубориза ва бархӯрдҳо ин ба даст овардани манфиатҳои геополитикӣ ва нуфуз пайдо намудан дар низоми нави олам мебошад. Чунин тамоюлро дар раванди сиёсати ҷаҳонӣ аз замони пайдоиши давлатҳо дар кураи замин то ба имрӯз метавон мушоҳида намуд. Маҳз ҳамин тамоюлро метавон сабаби асосии ба вуҷуд омадани моҷароҳои сиёсӣ донист. Нуктаи меҳварии сиёсати геополитикии давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ ҳамеша тақсим кардани ҷаҳон дар миёни худ будааст ва имрӯз низ ин ҳадафи геополитикиро дар сиёсати давлатҳои бузург комилан метавон мушоҳида намуд.

Нигоҳе ба таҳаввулоти чанд даҳаи гузашта нишон медиҳад, ки қудрату нуфузи ҷаҳонӣ ва минтақавии баъзе аз кишварҳо таъсири мустақими худро ба умури дохилии кишварҳои дигар дорад. Кишварҳое ҳастанд, ки ба шарофати таносуби тавонмандиҳои низомию иқтисодии хеш аз нуфузи бештаре дар сатҳи ҷаҳонӣ бархӯрдор ҳастанд ва бо истифода аз таъсиргузории бештаре ба доираи муайяни кишварҳо доранд. Кишварҳое, ки абарқудрат номида мешаванд ва ҳам кишварҳое, ки дар сатҳи поёнтар қарор доранд, вале неруи иқтисодии боло доранд, аз роҳи барқарории равобити иқтисодӣ ва молиявӣ дар таҳаввулоти сиёсии кишварҳои сеюм нақши муҳим мебозанд ва аз ҳузури кишварҳои мустақил дар маҷмаа ва созмонҳои байналмилалӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ ва стратегияҳои худ истифода мебаранд.

Сабаби бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ қарор гирифтани давлату минтақаҳои олам ин манфиатталабии ғайриодилонаи неруҳои абарқудрат ва паст будани маърифати сиёсии ҷомеа мебошад. Ин ду

омил дар якҷоягӣ метавонанд заминаи бархӯрдҳо ва нооромиҳо дар давлатҳо ва минтақаҳои олам гарданд.

Аз ин рӯ, диссертатсияи номзадии Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи «Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)" аҳамияти муҳим дошта, баҳри шинохти ин масъала мусоидат менамояд. Бояд гуфт, ки мақсади таҳқиқот омӯзиши роҳу воситаҳои самараноки ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ, муайян намудани мушкилиҳо ва таҳлили пешниҳодҳо баҳри ҳифзи манфиатҳои миллӣ бо дарназардошти хавфу хатар ва таҳдидҳои ҷаҳони муосир мебошад.

Муаллиф мавзӯи мазкурро таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ-методологӣ намуда, унсурҳои асосии омӯзиши масъаларо нишон додааст. Дар автореферат таҳқиқоти мазкур ба таври мукамал пешниҳод гардида, ҳадаф ва дурнамои он муайян шудааст.

Муаллиф дар автореферат кушиш намудааст, ки фишурдаи рисоларо ба таври мукамал пешниҳод намояд.

Бояд гуфт, ки дар баробари муваффақиятҳо автореферати диссертатсия аз норасогиҳо холӣ нест:

- хуб мешуд, ки таснифи манфиатҳои миллӣ дар татқиқоти илмӣ пурра ба инобат гирифта мешуд;
- муаллиф мебоист дар таҳқиқоти худ аз олимони ватанӣ ба таври васеъ истифода мекард.

Камбудиҳои номбурда,ислоҳшаванда буда, ба мазмуни рисолаи илми таъсир расонида наметавонад. Автореферати диссертатсия ба мазмуни рисолаи илмӣ пурра мувофиқ буда, ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тариқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсияи номзадии Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи «Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)" аҳамияти муҳимро касб менамояд.

Мазмун ва мундаричаи диссертатсия ва методҳои истифодагардидаи он пурра ба талаботи пешниҳод намудаи корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, барои дарёфт намудани дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.04 - Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Муқариз:**
Ходими калони илмии шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ, н.и.с. Саидова Ф.С.

Имзои Ф. Саидоваро тасдиқ мекунам
Нозири калони ШК ИФСҲ АМИТ Абдураҳмонзода Б.А.